**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Таҳқиқу таҳлили мушаххасоти образ ва сужаи асари бадеӣ, заминаҳои пайдоишу офариниш, таҳаввули сужаву симоҳои алоҳида ва баррасии маҳорати сужасозиву чеҳрапардозии адибону эҷодкорон кори саҳлу осон набуда, аз муҳаққиқони соҳа дар баробари донишу истеъдоди мутабаҳҳир ва заҳмати зиёд масъулият ва ҳофизаи қавии таърихиро тақозо менамояд.

Диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович перомуни сужаву образҳои марбут ба шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI) баҳс намуда, аз мундариҷаи автореферати он баръало маълум мегардад, ки диссертант сужаву образҳои атиқа, тасаввурот ва таровишҳои зеҳнии мардумони эрониро, ки дар дарозои таърихи тақрибан дуҳазорсол шакл гирифтааст, дақиқкорона омӯхта, ба таври амиқу густарда мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб (бо фарогирии фаслҳои мувофиқ), хулоса ва китобнома иборат аст.

**Дар муқаддимаи кор** аҳаммияти мавзуи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалӣ, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ бо таври мукаммал ва саҳеҳ баён карда шудааст.

**Боби якуми таҳқиқ** ба баррасии сужаҳо ва образҳои подшоҳону паҳлавонон дар оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳии Сосониён (солҳои 205-379) бахшида шуда, бар мабнои сарчашмаҳои зиёди таърихиву адабӣ, бахусус “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, заминаҳои

ташаккули сужа ва нақлу ривоёт роҷеъ ба шахсиятҳои маъруфи таърихӣ ва симои бадеии онҳо, аз ҷумла саромадони сулолаи Сосониён - Сосон ва Бобак, муайян ва мушаххас карда шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия**, ки «Сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон дар марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Қубодон – Анӯшервон (солҳои 379-579)» унвон гирифта, аз шаш фасл фароҳам омадааст, муҳаққиқ ҷузъиёти сужаҳо ва ҳаводиси таърихиро перомуни Ардашери Некукор, Бахроми Гӯр, Яздгирд писари Бахроми Гӯр, Баҳром писари Шопур, Қубоди Парвиз, Анушервон ва вазири ӯ Бузургмеҳр мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, дар бораи ҳар кадоми онҳо маълумот ва мулоҳизоти ҷолибе ироа медорад.

**Боби сеюми таҳқиқ** фарогири сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон аз подшоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579-654)» буда, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Дар ин қисмати кор муҳаққиқ бештар ба сужа ва образҳои достони подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон (579-590), Хусрави Парвиз (590-590), Баҳроми Чӯбин (590-591), Хусрави Парвиз (591-628), Қубоди II (628-628), Ардашери III (628-629), Шаҳрбароз (629-629), Хусрави III (629-629), Бӯрондухт (629-630), Шопури Шаҳрвироз (630-630), Парвизи II (630-630), Озармидухт (630-631), Хусрави IV (631-631), Фаррухи Ҳурмуз (630-631), Ҳурмузи VI (630-631), Пурондухт (631-632), Яздгирди III (632-651) таваҷҷуҳ намуда, роҷеъ ба воқеоти марбут ба зиндагӣ, шахсияти таърихӣ ва симои бадеии онҳо, тарзи инъикоси ҳаводису сужаҳо дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ мабоҳиси ҷолиби диққате матраҳ сохта, дар натиҷа маълумот ва асноди фаровону судманд пешниҳод менамояд.

**Диссертант зимни баррасии мавзуъ** ва масъалаҳои таҳқиқӣ ба хулоса ва натиҷагириҳои дақиқи илмӣ расида, онҳоро дар 22 банди алоҳида манзур намудааст. Дар охири ҳар банд ба мақолаи марбут ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод гардидааст.

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳои фаровони илмӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти тавфиқи минбаъдаи корҳои таҳқиқотии муаллиф, зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Ба ақидаи мо, агар муаллиф ба мавзуи таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ ва омилҳои асосии ҷанбаи адабӣ-бадеӣ касб кардани симо ва ҳаводиси рӯзгори онҳо амиқтар таваққуф намуда, ҷузъиёти асотирӣ ва таърихии онҳоро дар иртибот ба мундариҷаи достонҳои алоҳидаи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва дигар осори марбут ба асрҳои мавриди назари таҳқиқ муфассалтар бозгӯ менамуд, ба манфиати кор мебуд.

2. Дар матни автореферати диссертатсия дар ду шакл навиштани баъзе калимаҳо, ба монанди пажӯҳиш - пажуҳиш, шӯравӣ – шуравӣ, нӯҳ – нуҳ, диссертатсия – рисола, ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо риояи навишти ягонаи онҳо боиси афзоиши арзиш кор ва ҳусни таълиф хоҳад гашт.

3. Дар саҳифаҳои гуногуни автореферат ғалатҳои имлой ва техникӣ (с. 3, 4, 5, 6, 8, 11, 12, 14, 15, 16, 18 ва ғ.) ба назар мерасанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда осонислоҳ буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо боиси боло рафтани арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович мегардад.

**Автореферат ва мақолаҳое,** ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

**Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ** ва **нашри таълифоти илмӣ** дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** автореферати диссертатсияи доктории **Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи “Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)** ба талаботи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Икромов И.
«15» майи соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Дӯстии халқҳо 66, ҳуҷраи 42.
Тел.: (+992) 919-28-53-51

Имзои Искандар Икромовро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.
«15» майи соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20; (+992 3222) 2-22-53.
E-mail: bsu@mail.ru